## СУРАТҶАЛАСАИ № 109

**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**05- уми апрели соли 2025** **ш. Душанбе**

**Аъзоёни Шуро ҳамагӣ: 16 нафар**
**Иштирок доштанд: 15 нафар аъзоёни Шуро:**

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 2. | Низомов Самариддин Фахриевич | д.и.и., 08.00.08. |
| 3. | Бобиев Исмоил Атоевич | н.и.и., 08.00.08. |
| 4. | Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич | д.и.и., 08.00.08. |
| 5. | Калемуллоев Мунир Воҳидович | д.и.и., 08.00.08. |
| 6. | Қодирзода Диловар Баҳриддин | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 7. | Собирзода Нуралӣ Миралӣ | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 8. | Султонов Зубайдулло | д.и.и., 08.00.07. |
| 9. | Умаров Хоҷамаҳмад | д.и.и., 08.00.07. |
| 10. | Улугхоҷаева Хосиятхон Рауфовна | д.и.и., 08.00.07. |
| 11. | Хоҷаев Парвиз Давронович | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 12. | Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич | д.и.и., 08.00.07. |
| 13. | Ҷурабоев Ғафурҷон Ҷурабоевич | д.и.и., 08.00.08.01. |
| 14. | Шарифзода Баҳром Маҳмуд | д.и.и., 08.00.07. |
| 15. | Шарифов Зариф Раҳмонович | д.и.и., 08.00.08. |

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия д.и.и., профессор Султонов З.С. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901-Молия, муомилоти пул ва қарз) пешниҳод шудааст, суханрони намуда, қайд кард, ки диссертатсия мазкур барои ҳимоя қабул карда шавад.

Диссертатсия зери роҳбарии д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р. омода гардидааст.

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, инчунин ба соҳаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003, ки ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ чоп гардидааст, ки ҳаҷми умумиашон 9,88 ҷ.ч. (5,8 ҷ.ч. аз муаллиф) ташкил медиҳад, аз ин шумора 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Тибқи муқаррароти банди 56 ва 60 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва бандҳои 67, 69, 74 ва 75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ба ухда гирифта, комиссияи ташхис барои ҳимоя намудани диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901-Молия, муомилоти пул ва қарз) дар шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тавсия медиҳад.

Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси натиҷаи экспертизаи диссертатсия ва тибқи табалоти бандҳои 67, 69 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва бандҳои 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

**ҚАРОР ҚАБУЛ НАМУД:**

1. Диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901-Молия, муомилоти пул ва қарз) ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба сифати муассисаи пешбари диссертатсия - Донишгоҳи давлатии тоҷирати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.
3. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ муқаррар карда шаванд:

- **Бобоҷониён Даврон Дадоҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**- Бобозода Алишер Абдураҳмон** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

4. Санаи ҳимоя 21- уми июни соли 2025 муқаррар карда шавад.

5. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

6. Омода намудани лоиҳаи хулосаи шуро оид ба диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон ба уҳдаи д.и.и., профессор Султонов З.С., д.и.и., профессор Ҳикматов У.С., ва д.и.и., профессор Шарифзода Б.М. вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Тарафдор – 15 нафар;

зид- нест; бетараф - нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** — **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шуро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** — **Бобиев И.А.**